Талаботҳои асосии иштирок дар озмун:

1. Озмун дар ҳудуди ҷумҳурӣ доир мегардад, ки дар он ширкатҳои сайёҳӣ, тарабхонаҳо, меҳмонхонаҳо, роҳбаладон, рӯзноманигорон, коршиносон инчунин дигар нафароне, ки ба талаботи низомномаҍ ҷавобгӯ мебошанд, метавонанд ширкат намоянд;

2. Субъектҳо ва нафарони алоҳида, танҳо метавонанд аз рӯи як номинатсия дар озмун ширкат намоянд.

3. Барои иштирок дар озмун довталаб бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

4. Тарабхона, меҳмонхона ва ширкатҳои сайёҳӣ

- дархост барои иштирок дар озмун, мувофиқи шакли тасдиқ гардида (замимаи 1);

- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ;

- нусхаи иқтибоси ширкат;

- ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти ҳуҷраи кориро бо таҷҳизотҳои лозима тасдиқ менамоянд (нусхаи шартномаи тарафайн оиди иҷораи ҳуҷраи корӣ, шиносномаи соҳибмулк ва 5 акс аз ҳуҷраи корӣ (чопи ранга);

- маълумот дар бораи мавҷудияти филиалҳо, намояндагиҳо ва дигар иншоотҳои шахси ҳуқуқӣ дар минтақаҳои алоҳида;

- пешниҳоди руйхати кормандон бо нишон додани ному насаб, маълумот (замима диплом карда шавад), рӯз, моҳ ва соли таваллуд, вазифаи ишғолкарда, собиқаи корӣ ва сатҳи забондонӣ (бо пешниҳоди сертификати маркази таълимӣ);

- пешниҳоди маълумот доир ба хатсайрҳои сайёҳии ширкат ва дигар хизматрасониҳо (дар шакли электронӣ, буклет ва ғ);

- пешниҳоди маълумоти фаъолияти корӣ дар 2 соли охир;

- маълумот дар бораи мавҷудияти сомонаи алоҳида дар шабакаи интернет, почтаи электронӣ, саҳифаҳо дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои сайёҳӣ;

- пешниҳоди расмҳои аз тақриз ва шарҳҳои сайёҳон оид ба қонеъ будани онҳо хизматрасонҳои истифодашуда дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

4.1 Иштирокчӣ метавонад блогер, мутахассис, эҷодкор, донишҷӯ ё намояндаи дигар соҳа бошад ва бояд пешниҳоди навоварона бо истифода аз зеҳни сунъӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ пешниҳод намояд. Пешниҳод бояд нишон диҳад, ки зеҳни сунъӣ чӣ гуна метавонад ба тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ, ҷалби сайёҳон, беҳтар намудани хизматрасониҳо ва муаррифии имкониятҳои сайёҳии кишвар мусоидат кунад.

- тарғибгари тавассути сомонаҳо дар хориҷи кишвар ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба ҳуқуқи муаллифии маводҳои таълифнамудаи худ, ки зебоӣ, фарҳанг ва ҷозибаҳои Тоҷикистонро инъикос намояд;

- пешниҳоди маводҳои вобаста ба афзоиши таваҷҷӯҳи меҳмонон ё фикру мулоҳизаҳои мусбӣ аз сайёҳон, ки аз натиҷаи кори блогнавис ба даст омадааст;

- маълумоти мухтасар дар бораи блог, ҳадаф мақсад ва вазифаҳои оянда;

- ҷадвали боздид ва шумораи маводи нашршуда дар бораи имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар блоги худ.

4.2 Роҳбаладон

- пешниҳоди њуљљати намунаи давлатии тасдиќкунандаи малакаи касбӣ ва ё тахассуснокї (диплом ё шањодатнома ё сертификат);

- пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда вобаста ба доштани маълумоти сањењ дар бораи минтақа ва ҳудуд, таърих ва фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои объекти саёњат;

- асоснок намудани малакаи муоширатию ровигии худ;

- пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба донистани забонҳои хориљї;

- тавсиянома аз ҷониби ширкати сайёҳӣ ва дигар муассисаҳои сайёҳӣ.

4.3. Рузноманигор ва тарғибгари тавассути сомонаҳо дар хориҷи кишвар ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба ҳуқуқи муаллифии маводҳои таълифнамудаи худ, ки зебоӣ, фарҳанг ва ҷозибаҳои Тоҷикистонро инъикос менамояд;

- пешниҳоди маводҳои вобаста ба афзоиши таваҷҷӯҳи меҳмонон ё фикру мулоҳизаҳои мусбӣ аз сайёҳон, ки аз натиҷаи кори рузноманигор ба даст омадааст;

- маълумоти мухтасар дар бораи рузноманигор, ҳадаф мақсад ва вазифаҳои оянда;

- ҷадвали боздид ва шумораи маводи нашршуда дар бораи имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар блоги худ.

- 4.4 Беҳтарин ролики сайёҳт таҳти унвони ”Discover Tajikistan”.

4.1. Дар озмун ҷавонони синни аз 14 то 35-сола метавонанд иштирок намоянд.

4.2. Иштирок дар озмун ба таври инфиродӣ ё гурӯҳӣ (то 3 нафар) иҷозат дода мешавад.

4.3. Видеоролики пешниҳодшуда бояд:

- ба мавзӯи озмун мувофиқат намояд;

- имкониятҳои сайёҳӣ, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, табиат, ҳунарҳои мардумӣ ва дигар ҷозибаҳои сайёҳии Тоҷикистонро инъикос намояд;
- муҳтавои аслӣ дошта бошад;
- меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;
- ҳуқуқи муаллифиро вайрон накунад.

4.4. Давомнокии видеоролик аз 1 то 5 дақиқа муқаррар карда мешавад.

4.5. Видеоролик метавонад бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ё англисӣ таҳия гардад.

4.6. Иштирокчӣ ҳамроҳ бо видеоролик маълумоти мухтасар дар бораи худ ва варақаи дархостиро пешниҳод менамояд.

4.5 Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои зикргардида, иштирокчиёни озмун метавонанд маълумотҳои иловагиро доир ба комёбиву дастовардҳои худ пешниҳод созанд (диплому ҷоизаҳо, сипоснома аз иштирок дар намоишгоҳу ярмаркаҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ва ғайраҳо).